# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи “Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Қаюмова Ҳурилико Тағайевна дар мавзуи “Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ" ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз он ҷумла, *ба банди 3* – Антропологияи педагогӣ низомҳои педагогӣ /шароит/ рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот), *ба банди 5* - Назария ва консепсияи тарбия (шароити иҷтимоию фарҳангии тарбия; қонуниятҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воя расидан; асосҳои арзишии бунёди раванди тарбия, низомҳои педагогии тарбия;) мутобиқат дорад.

***Мубрамии мавзуи таҳқиқот.*** Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар шароити муосири рушди Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд аз масоили муҳимми таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон маҳсуб ёфта, аз ин дидгоҳ унвонҷӯ мавзуи хеле мубрам - нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоиро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст.

Дар шароити муосир тарбияи насли наврас аҳамияти вижа дорад, хусусан дар кишварҳое, ки дар марҳилаи иқтисодиёти давраи гузариш ва тағйироти ҷиддӣ қарор доранд. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқии тақдирсоз қабул гардиданд, ки

дар ҷодаи тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа, алалхусус насли наврас мақоми хосаро соҳиб гардиданд. Дар қатори онҳо ҳуҷҷати тарбиявии Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи тарбияи насли наврас ҳуҷҷати саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумхурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати давлатро дар ин соҳа муайян намуда, ба тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

Шукуфоии Тоҷикистон бевосита ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва таҳаммулпазирӣ вобаста аст. Қонунҳо ва консепсияҳои қабулшуда, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Консепсияи мактаби миллӣ" ва ғайра ба ин масъалаҳо бахшида шудаанд.

Аҳаммияти таҳқиқоти Қаюмова Ҳ. Т. пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки анъанаҳои халқи тоҷик ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Дар мероси педагогикаи халқӣ ғояҳое мавҷуданд, ки ба муҳаббат нисбат ба Ватан, эҳтиром ва ҳамдардӣ нисбат ба дигарон равона шудаанд. Дар шароити имрӯза, ки муноқишаҳо ва падидаҳои манфӣ ҷой доранд, тарбияи инсон дар рӯҳияи сулҳҷӯӣ ва таҳаммулгароӣ аҳамияти калон дорад.

Диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна ба нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон бахшида шудааст. Таъкид мешавад, ки ин мавзуъ барои тарбияи насли наврас муҳим буда, истифодаи анъанаҳои миллӣ дар ин раванд хеле муассир аст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки гарчанде олимон ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ дар мероси адабӣ таваҷҷӯҳ дошта бошанд ҳам, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ равишҳои навини илмӣ ҳанӯз омӯхта нашудаанд ва анъанаҳои халқӣ ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор

нагирифтаанд. Аз ин рӯ, рисола барои пурра кардани ин камбудиҳо муҳим аст.

Максади таҳқиқот асосноккунии заминаи методологии тарбияи ватандӯстӣ ва сулҳпарварӣ бо истифода аз анъанаҳои халқи тоҷик мебошад. Вазифаҳои асосӣ таҳлили назариявӣ, муайян кардани шароитҳои педагогӣ, коркарди таҷрибаҳо, ошкор намудани монеаҳо, таҳлили таҷрибаи педагогӣ ва таҳияи тавсияҳоро дар бар мегиранд. Ин ҷараён нишон медиҳад, ки таҳқиқот бо меъёрҳои олии илмӣ мувофиқ буда, аз таҳлили назариявӣ то татбиқи озмоишӣ фаро гирифта шудааст.

Илми педагогика бояд бо замони муосир ва талаботи тарбияи ахлоқӣ алоқаманд бошад. Мушкилот дар дарёфти арзишҳои педагогӣ дар мероси халқӣ ва анъанаҳои тоҷик аст. Фарҳанги педагогӣ дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муҳим аст. Ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бояд дар маркази таваҷҷуҳи педагогикаи муосир қарор дошта бошад.

Назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар мероси педагогикаи халқи тоҷик ҷанбаи муассир дорад ва нақши тарбияро дар ташаккули хислати инсон ба назар мегирад.

Таҳлили мероси педагогии халқии тоҷик нишон медиҳад, ки тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар он густариш ёфтааст. Таҳлили назария ва амалияи ин тарбия дар мероси педагогии халқӣ самти педагогӣ ва таълимии онро муайян месозад. Дар мероси давраи асрҳои миёна консепсияи умумибашарӣ таҳия шуда, ба афкори педагогии баъдӣ таъсир расонд.

Таҳлили мероси педагогикаи халқӣ дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилот аҳамияти бештар дорад. Педагогика омӯзиши мероси педагогии гузаштаро, ки аз ғояҳои умумибашарӣ иборат аст, таъкид мекунад.

Мубрамии таҳқиқот ба омилҳои зерин вобаста аст: таҳқиқоти нокифояи назариявӣ ва методологӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар анъанаҳои халқӣ; тағйирёбии

муносибат ба мерос; тавачҷуҳи ҷомеа ба тарбияи ахлоқӣ; зарурати баррасии илмии ғояҳои классикон ва анъанаҳои халқӣ; мақсаднокии истифодаи ғояҳои педагогӣ ва анъанаҳои халқӣ барои ҳалли мушкилоти тарбия; талаботи хонандагон ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ; набудани равишҳо ва воситаҳои нав; аҳамияти илмию амалӣ ва методологӣ дар шароити ислоҳоти таҳсилот. Равишҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ва истифодаи анъанаҳои халқӣ ба таври кофӣ тахқиқ нашудаанд.

Аз ин лиҳоз, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро мубрам, сариватӣ ва дархурди тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони хурдсол арзёбӣ кунем.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*** Қабл аз ҳама, дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд менамоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Қаюмова Ҳурилиқо, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву амалӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки ҳақиқатан аз ҷониби муаллиф:

- кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик ошкор сохта шавад;

- равишҳои консептуалӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи мафҳумҳои “ватандӯстӣ”, “сулҳдӯстӣ” ва “таҳаммулпазирӣ” таҳия карда шудаанд;

- хусусиятҳои асосҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ва дар давраи фаъолияти берунамактабӣ ва берунасинфӣ ошкор гардидаанд;

- шароити тарбияи босамари ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд;

- афзалиятҳо дар амалисозии вазифаи педагогии тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шудаанд;

- муҳтавои асосӣ ва хусусиятҳои ташкили намудҳои гуногуни муассири фаъолияти тарбиявӣ ҳамчун воситаи самараноки тарбияи ахлоқии кӯдакон дар вазъияти кунунии иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда шудаанд;

- роҳҳои мақбул ва равишҳои ҷорӣ намудани мафҳумҳои ахлоқӣ дар амалияи фаъолияти ҳамарӯзаи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии хоси хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шудаанд;

- роҳҳои бештар муассир ва воситаҳои кори тарбиявӣ, технологияи усулҳои ҳавасмандсозии хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои идроки арзишҳои ахлоқии анъанаҳои миллӣ таҳия карда шудаанд.

Илова ба ин, бояд таъкид созем, ки дар заминаи таҳлили манбаъҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла асарҳои классикони педагогика ва психология, инчунин таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар шароити муосир аҳамияти хоса дорад. Инро на танҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад, балки дар Консепсияи миллии

тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инъикос ёфтааст.

Муаллиф дар таҳқиқи худ ба масъалаҳои муҳими тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар синфҳои ибтидоӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, асосҳои назариявии онҳоро муайян сохтааст. Аз ҷумла, муаллиф консепсияи "ватандӯстӣ"-ро ҳамчун муҳаббат ба Ватан, ифтихор аз таърих ва фарҳанги он, омодагӣ ба ҳимояи манфиатҳои он муайян мекунад. Консепсияи "сулҳпарварӣ" ҳамчун эҳтиром ба ҳамаи халқҳо, рад кардани зӯроварӣ ва ҷанг ҳамчун воситаи ҳалли мунокишаҳо ва консепсияи "таҳаммулпазирӣ" ҳамчун қобилияти қабул кардани ақидаҳо ва эътиқоди гуногун муайян кардааст.

Дар таҳқиқот роҳҳои ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ва фаъолияти берунazмактабӣ ва беруназсинфӣ пешниҳод карда шудааст. Муаллиф истифодаи усулҳои гуногуни таълим, аз ҷумла бозиҳои таълимӣ, муҳокимаҳо, лоиҳаҳо ва экскурсияҳоро тавсия медиҳад. Ҳамчунин, аҳамияти ҳамкории муаллимон, волидон ва ҷомеа дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон таъкид мегардад.

Муаллифи таҳқиқот барои баррасӣ нуктаҳои илмии зеринро пешниҳод менамояд, ки натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот бадастомадаро инъикос намуда, муҳтаво ва мазмуни мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян месозанд:

1) Асосноккунии низоми назариявӣ ва методии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи нақши анъанаҳои халқи тоҷик, яъне мероси педагогикаи халқии тоҷик, ки дар асарҳои муҳаққиқон таҳлил ва баррасӣ шудааст.

2) Муайян намудани омили муҳтавоии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар

асоси мероси анъанаҳои халқии тоҷик, ки ҷанбаҳои муҳими фарҳанги миллӣ, аз қабили забон, адабиёт, таърих ва расму оинҳоро дар бар мегирад.

3)Тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои педагогикаи халқи тоҷик ва асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс ҳамчун раванди мураккаб, бонизом ва муттасили педагогӣ муаррифӣ мегардад, ки ба ташаккули меҳру муҳаббат ва эҳтиром ба Ватан, падару модар, таърихи диёр, забони модарӣ, халқи худ, анъанаҳо ва ормонҳои он нигаронида шудааст.

4) Ибрози самаранокии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар робита бо ҳамкории оила ва мактаб, ҳамчунин якҷоягии корҳои таълимӣ, берунazмактабӣ ва берунaзсинфӣ таъмин гардида, ташкили маҷмӯиро бо шумули самтҳое аз қабили таърихӣ-кишваршиносӣ, адабию мусиқӣ, қаҳрамонӣ ва хотиравӣ тақозо менамояд.

5) Тарбияи сифатҳои тақозошавандаи ахлоқӣ, аз қабили ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, бояд дар маҷмуъ бо малакаҳои рафтори боадабона, эҳтиром ба калонсолон, бо назардошти хусусиятҳои синнусолии кӯдакон ва ҳамзамон бо тавсеаи донишҳо дар бораи ҷаҳон амалӣ сохта шавад.

6) Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки анъанаҳои халқии тоҷик, аз ҷумла афсонаҳо, ривоятҳо, сурудҳо ва бозиҳои миллӣ, ҳамчун воситаи муассири тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба шумор меравaнд. Истифодаи ин унсурҳо дар раванди таълим имкон медиҳад, ки хонандагон аз хурдӣ бо арзишҳои миллии худ ошно шуда, ба онҳо эҳтиром гузоранд ва дар айни замон, ба фарҳанг ва арзишҳои халқҳои дигар таҳаммул кунанд.

7) Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар раванди тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо

оилаҳо нақши муҳим дорад. Дар ин замина, ташкили чорабиниҳои муштараки волидайн ва хонандагон, гузаронидани суҳбатҳо ва машваратҳои педагогӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии ин раванд мусоидат намояд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта:*** Мукарраротӣ назариявии таҳқиқот ба таври зарурӣ далелнок карда шуда, тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ-педагогӣ дар раванди таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди таҳқиқ анҷом дода шудааст.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи диссертатсия асарҳои ба қонуниятҳои педагогии ташкили раванди таълим бахшидашуда; корҳои таҳқиқотӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; манбаъҳо ва интишороти илмии марбут ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; пойгоҳи манбаъҳо дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти масъалаҳои афзалиятнокии такмили муҳити муосири тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоиро мавриди омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи қарор додааст.

Эътимоднокии нуктаҳои дар таҳқиқот пешниҳодгардида тавассути омилҳои зерин таъмин мегардад:

1) Асоснокии назариявӣ ва методологии равишҳо, мутобиқати онҳо ба проблемаи илмӣ ва мавзӯи таҳқиқот, ки бо истифода аз адабиёти муътабари илмӣ ва методологӣ, аз ҷумла асарҳои муҳаққиқони соҳа ба даст оварда шудааст (ниг. ба номгӯи адабиётҳои истифодашуда).

2) Ҷараёни тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, ки ба анъанаҳои халқи тоҷик асос ёфтааст, тавассути татбиқи барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, инчунин чорабиниҳои беруназсинфӣ амалӣ карда шудааст.

3) Натиҷаҳои озмоиш бо истифодаи воситаҳои самараноки санҷиш, таҳлил ва ҷамъбаст дар асоси баҳисобгирии маълумот оид ба тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба даст омадаанд. Ин натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои оморӣ ва таҳлили сифатӣ коркард шуда, эътимоднокии онҳо тасдиқ карда шудааст (ниг. ба ҷадвалҳо ва диаграммаҳо).

4) Истифодаи маҷмӯи усулҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои мувофиқ ба мавзуи таҳқиқот, такмили мутақобили методикаи таҳқиқот, бо такя ба амалияи муассисаи таълимӣ, бо назардошти намояндагӣ дар интихоби омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми анкетагузаронӣ ва пурсишҳои шифоҳӣ, ки имкон медиҳад маълумоти дақиқ ва воқеӣ дар бораи вазъи тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ба даст оварда шавад.

5) Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки амсилаҳои нави таълимии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар синфҳои ибтидоӣ таҳия ва ҷорӣ карда шаванд. Ин амсилаҳо бояд ба хусусиятҳои синнусолии хонандагон, талаботи ҷомеаи муосир ва арзишҳои миллии тоҷикон асос ёфта, дар ташаккули шахсияти комил ва ватандӯсти насли наврас саҳмгузор бошанд.

6) Дар асоси таҳқиқот тавсияҳои амалӣ барои такмили барномаҳои таълимӣ ва маводи методӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод карда шудаанд. Тавсияҳои мазкур метавонанд аз ҷониби муаллимон, методистон ва кормандони соҳаи маориф барои беҳтар намудани раванди таълим истифода шаванд. Ҳамчунин, тавсияҳо оид ба ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси муаллимон, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи онҳо дар самти тарбияи ватандӯстӣ пешниҳод карда мешаванд.

***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия:*** Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии

диссертатсия аз 370 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 3 диаграмма, 8 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 478 номгӯй мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият, зарурият, аҳамият, дараҷаи омӯзишу коркарди илмии мавзуъ, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот тавсиф гардида, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда манзур шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия таҳти унвони "Хусусиятҳои назариявию методологии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқию педагогикаи миллии тоҷикон" осори мутафаккирон ва педагогикаи халқӣ роҷеъ ба тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, моҳияти иҷтимоии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ҷойгоҳи мавзуи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар стандарту барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар дастуру воситаҳои таълимиву тарбиявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Аз он ҷумла, қайд карда шудааст, ки тайи солҳои тулонӣ тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дур аз арзишҳои миллии маънавию ахлоқие қарор дошт, ки мутафаккирони гузашта ва педагогикаи халқӣ мерос гузошта буданд. Халқи тоҷик дар ҳамаи давру замонҳо ин донишҳоро дар тарбияи насли наврас истифода менамуд. Айни замон талабот ба эҳёи педагогикаи халқӣ ва тарбия зимни анъанаҳои халқӣ, ки метавонад асолат ва зеҳнияти мардуми тоҷикро ҳифз намояд, ба таври ҷиддӣ эҳсос мегардад.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки "Истифодаи воситаҳои ҳамгироии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик" ном дорад, ба таҳлилу баррасии масоили тарбияи ахлоқии хонандагони

синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, аҳаммияти ҳамкории педагогӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ бахшида шуда, аз он ҷумла изҳор карда шудааст, ки дар замони муосир тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро дар сатҳи муассисаи таълимӣ фаро гирад.

Аз ҷумла, қайд карда шудааст, ки дар муассисаи таълимӣ бояд фазои адолат, ошкорбаёнӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳукмрон бошад. Ахлоқ муродифи одоб аст ва тарбияи ахлоқӣ раванди қабули қарорҳо ва интихоби амалҳост. Он омили калидии рушди давлат ва ваҳдати халқ буда, ба мавқеи шаҳрвандӣ, эътиқодоти ахлоқӣ ва меъёрҳои одоби инсон вобаста аст. Барои баланд бардоштани ахлоқи кӯдак, худшиносӣ ва худ ифодакунии насли наврас нақши муассисаҳои беруназмактабӣ бузург аст.

Дар боби 3-юми диссертатсия таҳти унвони "Истифодаи усулҳо ва воситаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси анъанаҳои халқи тоҷик" масоили восита ва усулҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва дар раванди таълиму тарбия дар асоси ғояҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқӣ, ҳачунин, фаъолияти роҳбари синф оид ба амалисзии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Аз он ҷумла, таъкид шудааст, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ба тарбияи насли наврас таъсири манфӣ расонд. Буҳрони иқтисодӣ ва нобасомониҳои дохилӣ боиси коста шудани маънавиёти ҷавонон, мушкилоти кадрӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва паст рафтани тарбияи ахлоқии насли наврас гардид. Тарбияи ахлоқӣ вазифаи асосии пешгирии падидаҳои манфӣ дар байни ҷавонон мебошад. Таҳқиқот ба тағйир додани симои ахлоқии хонандагон дар мактабҳои Тоҷикистон нигаронида

шудааст. Усулҳои таълим ва таъсиррасонии педагогӣ дар Тоҷикистон таърихи қадима доранд ва зери таъсири маорифпарварони рус рушд ёфтанд.

Боби 4-и таҳқиқоти диссертатсионӣ ба баррасии масоили ҳамкории ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шуда, дар ин росто, аҳаммияти муассисаҳои беруназмактабӣ дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварии ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва таъсири ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила ба тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст, ҳамчунин, корҳои таҳқиқотию озмоишӣ арзёбиву ҷамъбаст карда шудаанд.

Аз ҷумла, иброз карда шудааст, ки таҳлили натиҷаҳои озмоишҳо нишон дод, ки методҳои психологию педагогӣ дар омӯзиши забони модарӣ муҳиманд ва ба рушди ташаббус, тафаккури интиқодӣ, мустақилият ва ҳамкорӣ мусоидат мекунанд. Омӯзгорон тамринҳо, диктантҳо ва бозиҳоро истифода бурданд. Тағйироти ҷузъӣ дар фаъолияти таълимӣ ва истифодаи бозиҳои миллӣ ба хонандагон таъсири мусбат расонида, ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро тарбия мекунад.

Хулоса аз 16 банд иборат буда, дар он натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ ба таври муфассал фароҳам оварда шудаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия:*** Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- асосҳои назариявию методологии нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд;

- истифодаи ҷанбаҳои муҳтавоӣ ва усулии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълиму тарбия ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, таъмини дониш ва маҳорат имкон фарҳам сохта, самаранокии раванди таълиму тарбияро ба таври назаррас баланд бардошта метавонанд;

- тавсияҳои методӣ ва васоити таълимии татбиқгардидаро мумкин аст дар корҳои таълимиву тарбиявии муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз анъанаҳои халқи тоҷик истифода бурд;

- таҳқиқоти мазкур дар раванди таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, инчунин дар тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи педагогика ва психология муфид буда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи методӣ истифода шаванд.

Баъзе аз маводи таҳқиқотиро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ барои омодасозии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар робита бо амалисозии раванди тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор дод. Тавсияҳои илмию методии таҳияшуда тасаввуроти унвонҷӯён ва магистрҳоро оид ба проблемаи мазкур густариш медиҳанд.

Барномаи озмоишию таҷрибавӣ ва амсилаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар заминаи анъанаҳои миллии тоҷикон, ки аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст ва дар синфҳои ибтидоии як қатор мактабҳо мавриди санҷиш қарор гирифтааст, метавонад ҳамчун воситаи муҳим дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ мавриди истифода қарор гирад.

Маҷмӯи пешниҳодот, тавсияҳо ва коркардҳои зикршуда, ки аз ҷониби довталаб анҷом дода шудаанд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ дар фаъолияти таълимиву тарбиявии худ васеъ истифода шаванд. Ин амал имкон

медиҳад, ки асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии шогирдон мустаҳкам гарданд, ки ин ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар ҷомеа мусоидат мекунад.

***Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа ва баррасӣ гардида, интишороти довталаб дараҷаи илмӣ Қаюмова Ҳ.Т. дар шакли 36 интишороти илмӣ: аз он ҷумла, 25 номгӯй мақолаҳои илмии дар нашрияҳои илмии такризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, 6 номгӯй манография ва дастурҳои таълимиву методӣ ва 9 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ” (Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти № 493) мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя

карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*** Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Дар диссертатсия тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи анъанаҳои халқи тоҷик аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар қисмати амалии диссертатсия бештар бошад бештар аз усулҳои анъанавии таълим истифода шудааст. Бисёр хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия бештар аз равишу ва технологияҳои инноватсиониву интерактивии таълим истифода мекард.

2. Довталаб ба таҳлили мушаххаси мушкилот, роҳҳои ҳалли онҳо ва пешниҳоди натиҷаҳои мушаххас ва навоварона камтар аҳамият додааст.

3. Пойгоҳи озмоишии таҳқиқот танҳо ба чанд муассисаи шаҳрии Душанбе ва Кӯлоб маҳдуд шуда, фарогирии кофии мактабҳои деҳот, муҳитҳои иҷтимоии гуногун ва шароити забониро таъмин намекунад. Ин маҳдудият ба эътибори натиҷаҳо ва имкони татбиқи васеи онҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонида метвонад.

4. Муаллиф дар диссертатсия ва автореферат амсилаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар заминаи анъанаҳои миллии тоҷикон таҳия карда, роҳҳои беҳтар кардани тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони хурдсолро дар заминаи анъанаҳои миллии тоҷикон бо истифода аз роҳу усулҳои гуногун дар раванди таълим шарҳу тавзеҳ додааст. Дар ин росто, бисёр хуб мешуд, агар якчанд нақшаи дарси намунавии забони модариро дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим таҳия карда, дар диссертатсия ҷой медод, то ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз он истифода мебурданд.

5. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намекунанд ва муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна дар мавзуи "Нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқаррizи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

12.08.2025

***Суроға:*** *735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Тел.(+992) 92-847 76 07; E-mail:saburov.67@mail.ru*

Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

***Маълумот барои тамос:*** *735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков-1, тел.: +992 92 805 7007, Email: zarrina_14.10.70@mail.ru*